**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-O17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Холиқзода Ахлиддии Юлдош дар мавзӯи «Мукаммалгардоиии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешииҳод шудааст.**

«27» 03 с.2025 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосири рақамикунонии иқтисодиёт ба сифати идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва коркарди механизмҳои фаъоли он алоқаманд аст, мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар, фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ дар раванди таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳа, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва

комплексҳо), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022 № 17/ш.д ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дода шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳо ва нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 13 мақола аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Холиқзода Ахлиддин Юлдош истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Холиқзода Ахлиддин Юлдош дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии

корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқаррароти расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Комилов Сироҷиддин Ҷамолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Шоназарзода Нигора Шоназар** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Рауфӣ А.

номзади илмҳои иқтисодӣ Юнусзода Х.Қ.

*Имзоҳои Шарифзода Б.М, Рауфӣ А, С ва Юнусзода Х.Қ. -ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ Зиёева М.С.